# Семинарии илмӣ машваратӣ дар мавзуи «Технологияи кор бо кӯдакони болаёқат ва боистеъдод дар муассисаҳои таълимии томактабӣ»

Семинари илмӣ машваратӣ дар мавзуи «Технологияи кор бо кӯдакони болаёқат ва боистеъдод дар муассисаҳои таълимии томактабӣ», ки рӯзи 31-уми августи соли 2023 аз ҷониби кормандони илмии шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии ПРМ ба номи А.Ҷомии АТТ дар муассисаи таълимии томактабии№1-и ноҳияи Рудакӣ баргузор гардид.

Солҳоиохиркорбокӯдакониболаёқатҳамчун як самти афзалиятнок дар сатҳи ҷомеа ва ҳам дар сатҳи давлатӣ махсус қайд карда мешавад. Танҳо шахси қобилиятнок метавонад бо каму кости иҷтимоӣ саҳмгузорӣ намуда, такя бар меъёрҳои аслии ақлонию маънавӣ дар ҳалли мушкилоти давлатию сиёсӣ ширкат варзад. Аз ин рӯ, ин масъалабеш аз пеш мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст.

Равоншиносон таъкид мекунанд, ки ҳар як шахсба қобилиятҳои ирсӣ таваллуд мешавад ва он қобилиятҳо зери таъсири муҳит зуҳур ва рушд мекунанд.

Дар ин ҷосаволе ба миёнмеояд: чаро масъалаи қобилиятро муҳокима кардан лозим аст? –Зеро қобилият ягона амалест, ки пешрафтро таъмин мекунад. Истеъдод ин сифати руҳ аст, ки дар тӯли ҳаёт ташаккул меёбад. Қобилияти одамро барои ба даст овардани натиҷаҳои баланд (ғайриодӣ, барҷаста) дар як ё якчанд намуди фаъолият нисбат ба одамони дигар мусоидат мекунад. Кӯдаки дорои қобилияти ақлӣ шахсест, ки диққат, кумак ва дастгириро талаб мекунад. Кӯдаки боистеъдод будан осон нест. Кӯдакони лаёқатманд яке аз қисматҳои ҳассоси ҷомеа мебошанд, кидиққати махсус, таҳқиқоти ҷиддӣ ва шаклҳои нави кумакро талаб мекунанд.

Аз ин ру, кормандони шуъба тибқи нақшаи солона рӯзи 31-уми августи соли 2023 дар ноҳияи Рудакӣсеминари илмӣ-машваратиро дар мавзӯи «Технологияи кор бо кӯдакони болаёқат ва боистеъдод дар муассисаҳои таълимии томактабӣ» баргузор намуданд.

Дар кори семинар кормандони шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии АТТ Н.Мирхонова – ходими пешбари илмӣ,Ф.Назриева–ходими калони илмии шуъба, С.Шарипова –ходими илмии шуъбаи мазкур, мутахассиси шуъбаи томактабии раёсати маорифи н.Рудакӣ М.Раҳимова, ва 30 нафармудирон ва мураббиёни муассисаҳои таълимии томактабӣ, иштирок намуданд. Семинарро мутахассиси шуъбаи томактабии раёсати маорифи н.Рудакӣ М.Раҳимова ифтитоҳ намуда, ҳозиринро бо барнома, масъалаи матраҳшаванда шинос намуд. Сухан ба Н.Мирхонова дода шуд. Мавсуф

бо мавзуи “Нақши муассисаҳои таълимии томактабӣ ва оила дар рушди лаёқати кӯдакон, Ф.Назриева дар мавзӯи “Методологияи кор бо кӯдакони боистеъдод”,С.Шарипова – “Дастгирии педагогии кӯдакони лаёқатманд”,баромад намуда дар хусуси барои тасдиқи истеъдод, аз волидон ва омӯзгорон дар бораи кӯдак маълумоти пурра ҷамъоварӣнамуда, пас аз ҷамъоварии ҳама маълумот ва гузаштани санҷишҳои гуногун дар асоси ин маълумот дар бораи мавҷудияти истеъдод ва қобилиятҳо хулоса баровардан мумкин аст. Бояд чунин фарзандро аз мадди назар дур накарда, кӯшиш намуда, тавре тарбиякардан лозим аст, то ӯ ба ҷамъияте, ки дар он тарбия ёфта истодааст, минбаъд фоида расонад, ба ҳозирин баён карданд. Кӯдакони лаёқатманд он контингенти махсусе мебошанд, ки онҳоро сарвати миллӣҳисобидан мумкин аст. Аз ин рӯ, тадбирҳои махсуси дастгирии моддию маънавӣ талаб карда мешаванд, барои ин тоифаи кӯдакон дар муассисаи таълимии томактабӣ тамоми шароитро фароҳам овардан лозим аст, ки онҳо мувофиқи шавқу ҳавасашон қобилияти худро такмил дода тавонанд.

Пас баромадҳо, баҳсу мунозираҳо ба амал омаданд. Доир ба масъалаҳои зикршуда, ба роҳбарият ва мураббиёни муассисаҳои мазкур пиромуни кор бо кӯдакони болаёқат ва боистеъдод дар муассисаҳои таълимии томактабӣ, чигунагии нақшаи таълим, ҷадвали машғулиятҳо, тарзҳои супориши ва гузаронидани корҳои тарбиявӣ таълимӣ, тавсияҳо манзур карда шуд. Ҳамчунин роҳҳои инкишофи тафаккур ва мустақилияти кӯдакон дар рафти машғулиятҳо ва ташаккули қобилияти эҷодии онҳо муайян карда шуда, методологияи таълим дар муассисаҳои таълимии томактабӣ пешбинӣ гардида, як қатор маслиҳат пешниҳод намуданд:

1. Истифодаи вариантҳои гуногуни мониторинги кӯдак.
2. Ташкил ва нигоҳдории базаи маълумоти кӯдакони болаёқат.
3. Гузаронидани тренингҳои ташхисӣ.
4. Доир намудани машғулиятҳо аз рӯйи барномаҳои махсус.
5. Пайвастани кӯдак ба бозиҳовамашғулиятҳои инфиродӣ.
6. Татбиқи бозиҳои гуногуни зеҳнӣ, озмунҳо, мусобиқаҳо ва фестивалҳо.
7.Ташкили истироҳатгоҳи махсусгардондашуда, инчунин ба экспедицияҳои илмӣ, экологӣ, кишваршиносӣ фиристодани кӯдакон.
8.Гузаронидани баҳодиҳии экспертии рафтори кӯдак аз ҷониби волидон ва омӯзгорон.
9. Баҳодиҳии фаъолияти кӯдак аз ҷониби мутахассисон.

Нодира Мирхонова., ходими пешбари илмиишуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии ПРМ ба номи А.Ҷомии АТТ.










Офтобак
ва
НАСИҲАТИ
ЧИСТОНҲО
Детский
РӮБОҲ ВА ХАР
ГИНКАМОН